Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ-диншиносӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ). (Душанбе, 2024. – 28 саҳ.).**

Оила ва хонавода пойгоҳу ниҳоди аввалини ҷомеа ва давлат ба шумор меравад ва аз хонаводаи солим ҷомеаи солим ба вуҷуд меояд. Фарзандони барӯманди миллат ва бузургони ҷомеа аз хонаводаҳои ҳамаҷониба солиму устувор ва фикрану рӯҳан рушдёфта зуҳур менамоянд.

Хонавода аз ҳалқаҳои муҳимми ҷомеа, муассисае барои парвариши шахси комил, василаи ҳифзи баќо ва идомаи ҳаёт дар рӯи замин аст. Табиист, ки ҳар як шахс ҳаёти осудаву оромро орзу мекунаду бахту иқболи накӯро ҷустуҷӯ, то дар фазои хушнудӣ ва хотирҷамъӣ умр ба сар бурда, аз ҳама гуна ноорромию ғам дур бошад. Ба андешаи мо бузургтарин омиле, ки ба инсон хушбахтию саодат мебахшад, ин албатта оила аст.

Ҳамчунин, нақши хонавода дар тарбияи фарзанд назаррас аст, зеро волидайн муҳимтарин омили созанда ва ташаккули шахсияти фарзанд маҳсуб меёбанд. Ба ҳамаи мо маълум аст, ки фарзандон то синни ҳафтсолагӣ аксаран дар канори падару модар ҳастанд ва бештари таъсиротро аз онҳо гирифта, ташаккул меёбанд. Барои ҳамин тарбия дар ин давра комилан бар ӯҳдаи хонавода мебошад.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Б.А. Одинаев ба яке аз мавзуъҳои муҳим бахшида шуда, дорои мубрамияти махсус мебошад. Муҳиммияти кори илмии мазкур дар он ифода меёбад, ки он метавонад дар устувории хонавода, солимии муносибатҳои хонаводагӣ, тарбияи мақсадноку ватандӯстонаи насли ҷавон ва ғ. саҳмгузор бошад.

Диссертатсияи Одинаев Б.А. фарогирандаи муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Докторант дар таҳқиқоти диссертатсионии оид ба масъалаи институти оила аз нуқтаи назари таълимоти зардуштия ва ислом таҳқиқоти таърихӣ-диншиносӣ анҷом дода, бо истифода аз таҷрибаҳо тавсияҳои муҳим пешниҳод кардааст. Масалан, номбурда пешниҳод намудааст, ки ҷиҳати боло бурдани маърифати оиладории шаҳрвандон аз ҷониби мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ курсҳои кӯтоҳмуддати маърифати оиладорӣ ташкил карда шуда, ҳар як марду зани никоҳшаванда аз он гузаранд. Пас аз гузаштани курс ба марду зан аз тарафи мақомоти мазкур маълумотнома дода шуда, танҳо пас аз пешниҳоди чунин маълумотнома никоҳи марду зан ба қайд гирифта шавад. (саҳ. 14). Ба андешаи ман пешниҳоди мазкур қобили дастгирист.

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, муқоисавӣ-диншиносӣ, таърихӣ-диншиносӣ ва ғ. анҷом дода шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳкиму ташаккули оилаи замони истиқлол, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди василаҳои (механизмҳои) ҳимояи модару кӯдак, таълим дар соҳаҳои диншиносӣ, фалсафа, ҷомеашиносӣ, фарҳангшиносӣ ва ғайра саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он докторант 15 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Доир ба автореферати диссертатсия эродҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1. Муаллифи автореферат масъалаи якканикоҳӣ ва бисёрникоҳиро дар таълимоти зардуштия ба таври омехта таҳлил намуда, хулосаи умумии худро нишон надодааст, ки дар таълимоти мазкур тибқи меъёрҳои Авесто асосан кадом шакли никоҳ муайян шуда буд. Аз ин рӯ, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки ба масъалаи мазкур равшанӣ андозад.

2. Муаллиф аз мавҷудияти падидаи фарзандхонӣ дар зардуштия ҷонибдорӣ намуда қайд кардааст, ки дар тафаккури зардуштиён масъалаи ба фарзандхонӣ пазируфтани кӯдакони дигар низ ҷой дошт. Амали мазкур танҳо ба хонаводагони бефарзанд хос намебошад, балки хонаводае, ки фарзанд ҳам дошта бошад, агар бубинад кӯдаке аз парасторию нигаҳбонии шоиста бархурдор нест ва ё дар роҳ бесоҳиб монда аст, мукаллаф аст, ки он кӯдакро ба фарзандӣ бипазирад. Зеро овардани кӯдаки бесаробоне ба оғӯши хонавода дар оини зардуштия маншаи мазҳабӣ дорад (Саҳ. 21). Бинобар ин, аз муаллиф пурсида мешавад, ки масъалаи фарзандхонӣ дар таълимоти ислом чигуна аст?

Аммо эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд, ки ин яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои фавқуззикр, дар маҷмуъ хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи илмии омоданамудаи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ-диншиносӣ» кори илмии анҷомёфта маҳсуб

ёфта, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) сазовор медонам.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти
кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Бердиев Ш.П.**

**Суроғаи муқарриз:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992) 93-500-85-47; Почтаи эл.: Shokhnazar@mail.ru

Имзои н.и.ф., дотсент
Бердиев Ш.П.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ **Мустафозода А.**

«19» 03 2024 с.